# ҚАРОРИ
## ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 15 январи соли 2025 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионӣ диссертатсияи Искандари Ҷумъахонро дар мавзӯи «Таҳқиқи баъзе синфҳои муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо нуқтаи рости барзиёд сингулярӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.02 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент Зарифзода Сарвар Қаҳрамон), шунида ва муҳокима карда, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои физикаю математика Шамсудинов Файзулло Маҳмадуллоевич, номзади илмҳои физикаю математика Садриддинов Маҳмади Маҳмудович, баромади муқарризони ғайрирасмӣ д.и.ф.м., профессор, академик Раҷабов Н., д.и.ф.м., профессор Байзоев С. ва Шамсудинов Ф.М., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Искандари Ҷумъахон, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳаммиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД**

1. Диссертатсияи Искандари Ҷумъахон дар мавзӯи «Таҳқиқи баъзе синфҳои муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо нуқтаи рости барзиёд сингулярӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.02 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ кори илмӣ-таҳқиқотии баитмомрасидаи дорои навгониҳо ва натиҷаҳои назариявии илман асоснокшуда буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, професор)» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, дар таҳрири нави қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро дуруст инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.
3. Ба Искандари Ҷумъахон дараҷаи илмии номзади илмҳои

физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.02 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Искандари Ҷумъахон дипломи номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.02 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ дода шавад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.ф.м., профессор** **Илолов М.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.ф.м** **Ғафоров А.Б.**